**Суратмаҷлиси №1**

**Маҷлиси шурои диссертатсионии 6D.КОА-125-и назди**

**МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав»**

аз «04» сентябри соли 2026 ш. Бохтар

**Иштирок доштанд:** аз 11 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ 11 нафар иштирок доранд (як нафар ба тарви маҷозӣ), мутахассисон аз рӯйи ихтисоси диссертатсия 5 нафар.

Ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-125 04- уми сентябри соли 2026, дар толори шурои диссертатсионии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав (Суроға: 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Хатлон, ш. Бохтар, кӯчаи Айнӣ, 67) баргузор гардид.

**Раиси ҷаласа:** доктори илмҳои техникӣ, дотсент Собиров Ҷ.Ф.

**Котиби илмӣ:** номзади илмҳои техникӣ, дотсент Сафарзода Ш.Р.

**Раиси шуро:** Муҳтарам аъзои шурои диссертатсионӣ аз 11 нафар аъзои шурои диссертатсионии 6D.КОА-125, ки бо фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 01.04.2026, таҳти №122/шд тасдиқ гардидааст, 11 нафар иштирок доранд, ки аз онҳо 5 нафарашон доктoрони илм - мутахассисон аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда ба ҳисоб мераванд.

Кворум ҳаст, ҳамин тавр мувофиқи Низомнома дар бораи ҳимояи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи доктори фалсафа (PhD) шурои диссертатсионӣ ҳуқуқ дорад ҷаласаро оғоз кунад. Оиди оғози кори Шуро чигуна пешниҳод аст? Пешниҳод шуд, ки кори ҷаласаи Шуро кушода эълон карда шавад, пешниҳоди дигар нест? Нест. Кӣ тарафдори чунин пешниҳод аст? Тарафдорон- 11 нафар. Зид- нест. Бетараф- нест.
Якдилона қабул карда шуд.

## РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:

1. Ҳимояи такрории ошкорои рисолаи доктори фалсафа (PhD) - и Ҳусайнов Зубайдулло Қурбоналиевич дар мавзуи «Алоқамандии байни электрогузаронӣ ва гармигузаронии маҳлулҳои обии гидразин» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисоси 6D071900 – Радиотехника, электроника ва телекоммуникатсия (6D071919 – Физикаи гармо ва назарияи техникаи гармо).

Диссертатсия дар кафедраи физикаи умумии МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» иҷро шудааст.

**Роҳбари илмии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ: Сафаров Маҳмадали Маҳмадиевич** - доктори илмҳои техникӣ, профессори кафедраи техника ва энергетикаи гармои Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи акад. М.С. Осимӣ.

**Муқарризони расмӣ:**

**1. Бердиев Асадқул Эгамович -** доктори илмҳои техникӣ, профессори кафедраи химия ва биологияи Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон

**2. Рашидзода Акрам Раҷаб -** номзади илмҳои техникӣ, муаллими калони кафедраи автоматонии ҳаракатовараҳои барқии Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон дар ноҳияи Кӯшониён.

3. **Муассисаи пешбар:** МДТ «Донишгоҳи давлатии Данғара»

## БАРОМАД НАМУДАНД:

1. **Раиси шуро:** доктори илмҳои техникӣ, профессор Собиров Ҷ.Ф. кори шурои диссертатсиониро оғоз намуд.

2. **Котиби илмии шуро:** номзади илмҳои техникӣ, дотсент Сафарзода Ш.Р. маълумотҳои мухтасарро дар бораи унвонҷӯ қироат намуд.

3. **Унвонҷӯ:** Ҳусайнов Зубайдулло Қурбоналиевич мазмуни мухтасари диссертатсияро баён кард.

Муаллифи диссертатсия ба саволҳои аъзоёни шуро Зарифзода М.А., Ғафуров Б.А., Собиров Ҷ.Ф., ки вобаста ба мавзуи диссертатсия буданд, ҷавоб дод.

Тақризи роҳбари илмии унвонҷӯ **Сафаров Муҳмадали Маҳмадиевич -** доктори илмҳои техникӣ, профессори кафедраи техника ва энергетикаи гармои Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи акад. М.С. Осимӣ шунида шуд.

**Тақризи муассисаи пешбар,** МДТ «Донишгоҳи давлатии Данғара» ба диссертатсияи Ҳусайнов З.Қ. бо имзои раиси ҷаласа мудири кафедраи физика ва географияи Донишгоҳи давлатии Данғара н.и.п. Набиев Ҷ.Ғ., эксперт, н.и.х., Баротов Н.И. ва котиби илмии ҷаласа муаллими калони кафедари физика ва география Донишгоҳи давлатии Данғара Одиназода С.Ш. омода гардида, бо имзои ректори донишгоҳ д.и.и., профессор Хайрзода Шукрулло Қурбоналӣ аз 18- юми августи соли 2026 тасдиқ шудааст. Мазмуни тақриз мусбат мебошад. Дар он мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба соҳаи илми эълоншуда, саҳми илмии довталаб дар ҳалли масъалаҳои илмӣ, навгонии илмии диссертатсия, моҳияти илмӣ-назариявӣ ва амалии он, инчунин мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ зикр гардидааст. Муассисаи пешбар қайд намудааст, ки диссертатсияи номзадии **Ҳусайнов З.Қ.** дар мавзуи «Алоқамандии байни электрогузаронӣ ва гармигузаронии маҳлулҳои обии гидразин» ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267, бо тағйиру иловаҳо аз 26-июни соли 2023, №295) ҷавобгӯ буда, дар маҷмуъ, метавон иброз намуд, ки довталаб барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D071900 – Радиотехника, электроника ва телекоммуникатсия (6D071919 – Физикаи гармо ва назарияи техникаи гармо) сазовор мебошад.

**Баромад ва тақризи муқарризони расмӣ:**

**1. Бердиев Асадқул Эгамович -** доктори илмҳои техникӣ, профессори кафедраи химия ва биологияи Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон

**2. Рашидзода Акрам Раҷаб -** номзади илмҳои техникӣ, муаллими калони кафедраи автоматонии ҳаракатоварахои барқии Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон дар ноҳияи Кӯшониён.

**Баромад ва тақриз ба автореферат:**

Ҳамчунин ба шурои диссертатсионӣ 6D.KOA-125 дар назди Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав тақризҳои зерини ғайрирасмӣ ба автореферати Ҳусайнов З.Қ. ворид шудаанд:

1. **Солеҳзода Давлат Қуват** – доктори илмҳои физикаю математика, профессори кафедраи физикаи назариявии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Тақриз мусбат арзёбӣ шуда, се эрод пешниҳод кардаат:

2. **Имом Мираҳмади Шарофиддин** – номзади илмҳои физикаю математика,, мудири маркази омӯзиш ва тадбиқи манбаҳои барқароршавандаи энергияи Иниститути физикаю техникӣ ба номи С.У. Умарови АМИТ. Тақриз мусбат аст.

3. **Акрамова Рухшона Ятимовна** – дотсенти кафедраи табиӣ- риёзии Академияи сайёҳии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳи ва соҳибкории Тоҷикистон. Тақриз мусбат аст.

Ҳамаи муқарризоне, ки тақризҳои худро ба автореферати диссертатсияи Ҳусайнов З.Қ. пешниҳод кардаанд, қайд намудаанд, ки ин таҳқиқот мубрам буда, дорои арзиши амалӣ мебошад ва сарфи назар аз баъзе камбудиҳои ҷузъӣ ба хулосае омадаанд, ки довталаби дараҷаи илмӣ Ҳусайнов З.Қ. барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисоси 6D071900 – Радиотехника, электроника ва телекоммуникатсия (6D071919 – Физикаи гармо ва назарияи техникаи гармо) сазовар мебошад.

Ҷавоб ба эродҳои муқарризони ғайрирасмӣ ва сухани хотимавии унвонҷӯ шунида шуд. Тариқи овоздиҳии ошкоро комиссияи ҳисоб барои гузарондани овоздиҳии пинҳонӣ дар ҳайати 3 нафар аъзоёни шурои диссертатсионӣ: профессорон Хоҷазода Т.А., Зарифзода М.А. ва Евдакимова Г.Н. интихоб гардид. Комиссия овоздиҳии пинҳониро баргузор намуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ 11 нафар (як нафар ба таври маҷозӣ) аъзои шуро иштирок намуданд, ки аз онҳо 5 нафарашон докторони илм-мутахассисон аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда ба ҳисоб меравaнд.

Натиҷаи овоздиҳӣ: Тарафдорон - 11 нафар, зид - нест, бюлетенҳои беэътибор - нест.

Ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.KOA-125 дар назди МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» оид ба додани дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D071900 – Радиотехника, электроника ва телекоммуникатсия (6D071919 – Физикаи гармо ва назарияи техникаи гармо) **тақризи мусбати** муқарризон, натиҷаи **овоздиҳии пинҳонӣ** ва **хулосаи** шурои диссертатсиониро ба инобат гирифта, бо дарназардошти мубрамияти мавзуъ, коркарди илман асоснокшуда, навгонӣ, аҳамиятнокии назариявӣ ва амалии таҳқиқот, натиҷаҳо ва хулосаҳои диссертатсия мувофиқи бандҳои 93-94- и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267, бо тағйиру иловаҳо аз 26.06.2023, №295),

**ҚАРОР МЕКУНАД:**

1. Баромад ва муҳокимаи диссертатсияи Ҳусайнов Зубайдулло Қурбоналиевич дар мавзуи «Алоқамандии байни электрогузаронӣ ва гармигузаронии маҳлулҳои обии гидразин» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)- доктор аз рӯи ихтисоси 6D071900 – Радиотехника, электроника ва телекоммуникатсия (6D071919 – Физикаи гармо ва назарияи техникаи гармо) пешниҳод шудааст, баромади муқарризони расмӣ: **Бердиев Асадқул Эгамович -** доктори илмҳои техникӣ, профессори кафедраи химия ва биологияи Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон **ва Рашидзода Акрам Раҷаб -** номзади илмҳои техникӣ, муаллими калони кафедраи автоматонии ҳаракатовараҳои барқии Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон дар ноҳияи Кӯшониён, баромади муқарризони ғайрирасмӣ, аъзоёни шурои

диссертатсионӣ, мутахассисон аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи муҳокимашаванда, натиҷаи **овоздиҳии пинҳонӣ** ва **хулосаи** Шуро оид ба диссертатсия ба инобат гирифта шаванд.

2. Автореферат ва маводи илмии нашрнамудаи муҳаққиқ мазмуну мундариҷаи диссертатсияро пурра инъикос менамояд.

3. Ба Ҳусайнов Зубайдулло Қурбоналиевич дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D071900 – Радиотехника, электроника ва телекоммуникатсия (6D071919 – Физикаи гармо ва назарияи техникаи гармо) дода шавад.

4. Аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон хоҳиш карда шавад, ки қарори шурои диссертатсионӣ оид ба додани дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) ба Ҳусайнов Зубайдулло Қурбоналиевич аз рӯйи ихтисоси 6D071900 – Радиотехника, электроника ва телекоммуникатсия (6D071919 – Физикаи гармо ва назарияи техникаи гармо)-ро дастгирӣ намуда, барои ба Ҳусайнов Зубайдулло Қурбоналиевич додани дипломи дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) мусоидат намояд.

Ки тарафдори чунин қарори шурои диссертатсионӣ мебошад? Хоҳишмандам овоз диҳед. Тарафдорон: 11 нафар. Зид: нест. Бетараф нест. Якдилона қабул шуд.

**Раиси шурои диссертатсионӣ** **Собиров Ҷ.Ф.**

**Котиби илмии**
**шурои диссертатсионӣ** **Сафарзода Ш.Р.**

“_04_”___09___ 2026

Сардори шуъбаи кадрҳо ва
корҳои махсуси ДДБ
ба номи Носири Хусрав Исҳоқзода М.М.
ҶМ